Нусха аз протоколи №11
ҷаласаи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 06 июни 2024 с. ш. Душанбе

Иштирок доштанд: сардори кафедра, н.и.ҳ., Каримзода У.К., д.и.ҳ., дотсент Раҳмадҷонзода Р.Р., д.и.ҳ., профессор Азиззода У.А., д.и.ҳ., профессор Буризода Э.Б., д.и.ҳ., профессор Зоир Ҷ.М., н.и.ҳ., дотсент Шодиён И.Р., н.и.ҳ., дотсент Куканов А.З., н.и.ҳ., дотсент Мансурзода А.М., н.и.ҳ., дотсент Одиназода А.Ш., н.и.ҳ., дотсент Самиев Н.М., н.и.ҳ., Заробидинзода С.З., н.и.ҳ., Абдулло А.Р., н.и.ҳ., Азимӣ У.А., дотсенти кафедра Солеҳзода Ф.Ф., муаллимони калони кафедра Қодирзода Ғ.Н. ва Ҷалолзода С.И., муаллимони кафедра Маҳинаи Н., Фахридинзода Ҳ.С. ва сардори кабинети кафедра Қурбонзода Ҷ.Ғ.

Рӯзномаи маҷлис:

1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

Раискунанда: сардори кафедари фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, н.и.ҳ., Каримзода У.К. иброз намудаанд, ки масъалаи рузномаи ҷаласаро муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедра, полковники милитсия Собирзода А.Ҷ. дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Азиззода У.А. омода гардидааст, ташкил медиҳад.

Барои баёни мухтасари мубрамият, нуқтахои асоси ва мазмуни рисола сухан ба унвонҷӯ Собирзода А.Ҷ. дода шуд. (Баромад замима мегардад).

Баъди баромади Собирзода А.Ҷ. аз ҷониби иштирокчиёни ҷаласаи кафедра ба ӯ саволхо дода шуд, ки ба ҳамаи саволхо ҷавобҳои қаноатбахш гардонид.

Сипас роҳбари илмии унвонҷӯ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Азиззода У.А. баромад намуда, нуқтаҳои асосии тақризи мусбии худро баён намуд.

Раискунандаи ҷаласа Каримзода У.К. қайд намуд, ки бинобар сабаби Шурои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон амал мекунад ва тибқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҷаласаи кафедра намояндогони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иштирок доранд ва дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент Шодиён И.Р., муаззаф гардида буд, ки рисолаи мазкурро пурра мутолиа намуда, хулосаи ниҳоиро пешниход намояд.

Инчунин, нусхаи рисола ба устодон д.и.ҳ., профессор Зоир Ҷ.М. н.и.ҳ., дотсент Одиназода А.Ш., н.и.ҳ., Абдулло А.Р. ва н.и.ҳ. Каримзода У.К. тақсим гардида буданд. Аз устодони мазкур хохиш карда шуд, ки андешахояшонро оид ба рисола иброз намоянд. Нахуст сухан ба д.и.ҳ., профессор Зоир Ҷ.М. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Собирзода А.Ҷ. иброз намуд. Мавсуф қайд кард, ки рисолаи илмии унвонҷӯ дар сатҳи хуб омода карда шудааст. Хамзамон баъзе камбудихо мавчуд буданд, ки унвонҷӯ онхоро ислоҳ кардааст. Сипас, н.и.х., дотсент Одиназода А.Ш. баромад намуда, қайд кард, ки кори илмии уновонҷӯи кафедра Собирзода А.Ҷ. анҷомёфта мебошад. Он бо забони ноби тоҷикӣ ва бо усули содда навишта шудааст. Дар маҷмуъ, рисола дар сатҳи бисер хуб омода гардидааст, иброз намуд, дотсент Одиназода А.Ш. Сипас, н.и.ҳ., Абдулло А.Р. доир ба моҳияти рисолаи илмӣ чунин ибрози назар намуд, ки таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи баланд омода карда шудааст. Камбудӣ ва норасоиҳои эродгирифташуда пурра бартараф карда шудааст. Талаботҳои пешбининамудаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба навиштани рисолаи илмӣ аз ҷониби унвонҷӣ пурра риоя шудааст. Аз ин рӯ, метавон онро рисолаи анҷомпазируфта маънидод намуд.

Ҳамзамон д.и.ҳ, профессор, Буризода Э.Б. ва н.и.ҳ., дотсент Мансурзода А.М. оид ба рисолаи номзадии унвонҷӯ андешаҳои мусбии худро баён намуданд.

Раискунандаи ҷаласа н.и.ҳ., Каримзода У.К. низ андешаҳояшро оид ба рисолаи мазкур иброз намуд. Аз ҷумла, қайд кард, ки рисолаи илмии мазкур дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст ва дар асосӣ хулосаҳои иброзшуда метавон онро ба ҳимоя пешниҳод намуд.

Ҳамин тавр, аз руӣ ҳолатҳои болозикр, кафедра чунин

қарор қабул намуд:

1. Диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботҳои бандҳои 31 -37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ, шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси номбаршуда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руӣ ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 19 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар.

Протокол аз 06 июни соли 2024, № 11

Раискунандаи ҷаласа:
сардори кафедраи фанҳои
давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.и.ҳ., подполковники милитсия — Каримзода У.К.

Котиби ҷаласа:
сардори кабинети кафедраи фанҳои
давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон — Қурбонзода Ҷ.Ғ.

Имзои Каримзода У.К. ва Қурбонзода Ҷ.Ғ.-ро
тасдиқ мекунам:
муовини сардори шуъбаи кадрҳои Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия — Камолӣ З.Б.

06.06.24